«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____________ Хайрзода Ш.Қ.
аз «__» ___________ соли 2021

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтиодиёти миллӣ» (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600- Иқтисодиёт**

## 1.Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва инкишофи тамоилҳои нав дар ҳаракати захираҳои молиявӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дигаргуншавии вазъи ҳамкориҳо дар самти сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, муаммоҳои танзими сиёсати сармоягузории давлат дар минтақаҳо накши муҳимро касб менамояд. Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити муосири иқтисодӣ барои ҳалли вазифаҳои суръатбахши рушди иқтисодии кишвар дар ҳолати мавҷуд набудани сармояи дохилӣ нақши муҳим доранд. Ба ақидаи муаллиф, хусусан сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт ва асосии минтақаҳо барои сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, яке аз сарчашмаҳои захиравии рушди индустриалии иқтисодиёти кишвар, баромад мекунад. Яке аз омилҳои рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар, фаъолияти баланди сармоягузорӣ мебошад, ки ба рушди иқтисодиёти он мусоидат менамояд ва дар натиҷа беҳбудии ҷомеаро баланд мебардорад.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон собит месозанд, ки барои ҷалби бештари сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёт фишангҳои макроиқтисодии андозиву буҷетӣ, пулию қарзӣ, гумрукӣ, меъёрҳои институтсионалиро, пеш аз ҳама, дар сатҳи иқтисоди миллӣ ба танзим даровардан лозим аст, ки дар натиҷа, дар сатҳи минтақаҳо самараи он зоҳир мегардад.

Новобаста аз он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чорабинихоро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ андешида бошад ҳам, аммо, ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба кишвари мо ҳоло ҳам кам мебошад. Барои ин таҳқиқи сабабҳои ба воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон монеъшаванда, таҳлили амиқ ва усулҳои имконпазири ҷараёни сармоягузорӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Дар баробари ин, вазъи кунунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аломатҳои ноустувориро фарогир мебошад. Суръатбахшии сармоягузории мустақими хориҷӣ дар шароити ҳозира воситаи муҳими баланд бардоштани рушди иқтисодиёти кишвар, ҳамгирой ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бозори молиявии байналмилалӣ мебошад. Чунки равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ аҳамияти афзояндаи сармоягузории мустақими хориҷиро тавсиф мекунанд.

Рисолаи номзадии мазкур низ дар мавзӯи мубрами рӯз таҳия гардидааст ва муаллиф дар тадбиқи рисолаи номзадии мазкур метавонад барои мукаммалгардонии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва татбиқи авзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат хоҳад намуд.

Бо дар назардошти мубраммияти асоснокшуда, омӯзиши мавзӯи мавриди назарро муаллиф актуалӣ баҳогузорӣ менамояд, ки он қобили қабул мебошад.

**II. Дараҷаи эътибории муқаррарот, хулоса ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия таҳияшуда.**

**Масъалаҳои таҳқиқот**. Вобаста ба ин ҳадафҳо, дар кори таҳқиқотӣ масъалаҳои зерин гузошта шуданд:

- таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ;
- муайян намудани методикаи арзёбии сармоягузории мустақими хориҷӣ;
- баҳодиҳӣ, таҳлили вазъи ҳозира ва пешниҳоди дурнамои ММД ва сармоягузориҳо бо усулҳои эконометрикӣ;
- ошкор намудани мушкилот ва монеаҳо дар роҳи такмили идоракунӣ ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ;
- муайян намудани самтҳои асосии идора ва танзими соҳавии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисоди миллӣ;
- пешниҳоди роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идора ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ.

**Мавзӯи таҳқиқотро** маҷмӯи муносибатҳо оид ба тамоюлҳо ва дурнамои сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар раванди дохил шудани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии натиҷаҳои таҳқиқот бошад** аз таҳияи консепсияи назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ, коркарди модели дурнамои ММД ва сармоягузории хориҷӣ, пешниҳоди тавсияҳои

методиву амалӣ оид ба роҳҳои баландбардории танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешавад, чунин мебошанд:

-ҷанбаҳои назариявии мафҳуми сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки ҳамчун сармояи молиявӣ (саҳ. 26-42), молӣ ва интеллектуалии сармоягузорони хориҷӣ ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидаткунанда ва гирандаи сармоя бо мақсади ба даст овардани фоида равонагардида (саҳ. 42-51) омӯхта шудааст, ки ҳам ба иқтисодиёт ва ҳам ба рушди инноватсионии он таъсири мусбӣ мерасонад;

-методикаҳои арзёбии самаранокии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ (саҳ. 52-69), даромаднокии ҷалби сармояи содиротии ҷалбшуда аз рӯйи таснифоти мамлакатҳо (саҳ. 70-87) инчунин таҷрибаи мамлакатҳои тараққикарда оид ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷиро омӯхта (саҳ. 87-93), истифодаи амалии он дар шароити ҷумҳурии мо асоснок карда шудааст;

- ҳолати имрӯзаи ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисоди миллӣ таҳлил ва муайян карда шуда, соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз қабили гидроэнергетика, кишоварзӣ, пахтакорӣ, моҳипарварӣ, занбӯри асалпарварӣ, коркарди мева, чорводорӣ, саноати бофандагӣ, алюминӣ, саноати кӯҳӣ, ангишт, тилло ва нуқра, нақлиёт, сайёҳӣ ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок барои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст (саҳ. 89-103);

- бо истифода аз усулҳои эконометрикӣ вобастагии байни ММД ва сармоягузорӣ муайян гардида, барои таҳлил ва арзёбии сармоягузорӣ модели регресионии сармоягузорӣ, модели тренди дурнамои ММД ва сармоягузорӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 83-87), ки дар асоси он дурнамои нишондиҳандаҳои мазкур дар ҷумҳурии мо барои солҳои 2019-2025 ҳисоб карда шудааст;

- мушкилотҳои асосии ҷалби сармоягузории мустақими хориҷии дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда, ки асосан ба дараҷаи нокифояи рушди инфрасохтори соҳаи сармоягузорӣ, номукаммал будани қонунгузорӣ, фаъолияти сусти сармоягузории бонкҳои ҷумҳурӣ, коркарди номукаммали механизмҳои суғуртаи сармоягузорӣ, махсусан сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд аст, ошкор карда шуданд (саҳ. 91-121);

-тавсияҳои методӣ ва амалиявӣ оид ба самтҳои баландбардории танзими ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои бартариятноки иқтисоди миллӣ муайян ва пешниҳод карда шудаанд (саҳ. 137-151).

Умуман қайд намудан ба маврид аст, ки муаллиф дар диссертатсияи худ 6-навгониро пешниҳод намуда, ҳар яки он ба нақшаи корӣ, масъалаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшавандаи он дар алоҳидагӣ нишон дода шудаанд ва ҳар як навгониро дар матни диссертатсия бо пуррагӣ кушодааст, ки хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти амалӣ ҳангоми ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст. Онҳоро инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои такмили қонунгузорӣ ва таҳияи тадбирҳо дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ истифода бурда метавонанд.

**III. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Сохтори диссертатсия дар асоси мақсаду вазифаҳои дар он гузошташуда муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, 3-боб, 9-зербоб, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо фарогирии 160 номгӯй, 18 ҷадвал, 16 расм иборат буда, дар ҳаҷми 172 саҳифа омода гардидааст.

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва замонавӣ будани он асоснок карда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, предмет ва объекти он муайян гардида, нуқтаҳои навоварии илмӣ, санҷишу тасдиқ, татбиқи кор ва аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастомада тавзеҳ дода шудааст.

**Дар боби якум** "Сармоягузорҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзуншавии тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ" бахшида шуда, тамоюлотҳои нав дар ҳаракат ва тақсимоти сармояҳои мустақими хориҷӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва самтҳои афзалиятноки сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, масъалаҳои самаранок тақсим ва истифодаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ баҳои илмӣ дода шудааст.

**Боби дуюм бошад** "Вазъияти муосири танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон" унвон гирифта, он аз баррасии методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва танзими он иқтисодиёти миллӣ, танзими соҳавии ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва шаклҳои муосири танзими сармоягузориҳои мустаъқими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ иборат мебошад.

**Дар боби сеюм, ки такмили методҳо ва** роҳҳои баланд бардоштани самаанокии танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар

иқтисодиёти миллӣ бахшида шудааст, муаллиф масъалаҳои мушкилот ва монеаҳо дар роҳи такмил ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ, такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар шароити афзудани тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ, тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокӣ ва танзими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ пешниҳод гардидаанд.

**Дар хулоса ва пешниҳодоти** рисолаи илмӣ бошад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф ҷамъбаст карда шуда, тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, пешниҳод гардидаанд.

**Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:**

1. Дар зербоби 1.1. Ба омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии фаъолияти сармоягузорӣ бо таҳқиқотҳои иқтисодӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шудааст. Вале мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ» ва «механизми сармоягузорӣ» алоқаманд карда нашудаанд.

2. Дар зербоби 1.1 диссертант воридшавии сармоягузории мустақими хориҷиро ба монанди; ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Чин, Ҷопон, Фаронса, Олмон, Индонезия, Африка, Россия, Бразилия, Амрикои Лотинӣ, Ҷумҳурии Корея, Малайзия, Филиппин, Сингапур, Гонконг, Тайван ва ғ., оид ба танзими давлатии фаъолияти сармоягузорӣ омӯхтааст. Вале фазои сармоягузории кишварҳои зикршуда аз иқлими сармоягузории ҷумҳурии мо куллан фарқ мекунад. Диссертант таҷрибаҳои кишварҳое, ки онҳо бо ҷумҳури мо ҳамиқлим ҳастанд меомӯхт, афзалтар мебуд.

3. Диссертатсия ҷолибтар мешуд агар диссертант дар тавсияҳои методии барои баланд бардоштани самаранокӣ ва танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ индикаторҳои самаранокии сармояи хориҷӣ дар сатҳи минтақаҳо ва соҳаҳоро коркард ва пешниҳд менамуд;

4. Диссертант вобаста ба такмили методҳои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ таҳлилҳо гузаронида, ташаккули бозори қоғазҳои қимматнокро, ки воситаи муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ мебошад, ба назар нагирифтааст;

5. Дар матни диссертатия хатогиҳои имлоӣ ва техникии зиёде дида мешаванд, ки онҳо ислоҳи саривақтиро мехоҳанд.

**Хулосаи умумӣ:**

Умуман камбудиву эродҳои муайяншуда баъзе баҳсталаб, баъзеаш бошад, тавсиявӣ мебошанд, ки ба мазмун ва қимати илмӣ-назариявии диссертатсияи мазкур таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Дар маҷмӯъ, аз руйи матни диссертатсия метавон хулоса намуд, ки таҳқиқоти мазкур дар мавзӯи бе ниҳоят муҳим ва мубрами рӯз таҳия шудааст ва объекти таҳқиқотро пурра фаро гирифта дорои аҳамияти амалӣ ва назариявӣ мебошад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт мебошад.

Тақризи муассиси пешбарро мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳия намудааст.

Муҳокимаи диссертатсияи Султонзода Исо Муҳаммад дар мавзӯи: «Асосҳои назариявии танзими сармоягузории мустақими хориҷӣ дар иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар ҷаласаи кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ баррасӣ гардида бо протоколи №6 аз 18.01.2021 тасдиқ карда шудааст.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Фасеҳзода И.С.**

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Урунбоев А.

**Котиби ҷаласа**
Муаллими калони кафедра Шодиев К.Қ.

*Имзои мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ, н.и.и., дотсент Фасеҳзода И.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Урунбоев А. ва муаллими калон Шодиев К.Қ – ро тасдиқ менамоям.*

*Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус* *Б.Раҷабов*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

***Суроғаи донишгоҳ:*** *734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Душанбе, куч. Нахимов 64/14.*
*Телефон: (99237) 231.02.01.E-mail: tgfeu@tgfeu.tj*